Ба Шурон диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст**

Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа соли 2018 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Мавзуи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021 таҳти №7 (20-21) тасдиқ шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи криминалистика бахшида шудааст. Муаллиф мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намуда, натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ ҶТ дар самти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва дар маҷмуъ низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ин ақидаҳо ва хулосаҳои илмӣ бори дигар, бо дарназардошти инкишофи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ таҳлил карда шуда, оид ба паҳлуҳои гуногун, мавқеи муаллиф муайян карда шуда, мафҳумҳои нави илмӣ, пешниҳоду

тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур пешниҳод гардад.

Асоси назариявии рисоларо корҳои илмӣ - пажуҳишие ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба баъзе паҳлуҳои мавзуи рисола таҳқиқ карда шудаанд. Таваҷҷуҳи олимони зиёд ба масъалаҳои мазкур аз мубрам будани мавзуъ далолат мекунад, аммо он ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти илмӣ дар илми криминалистикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳлил нашудаанд. Рисолаи илмии Аҳмадзода М.С. бо мақсади таҳлил, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба масъалаҳои номбурда ба анҷом расонида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи васеи масъалаҳоро фаро гирифтааст, ки қисмате аз паҳлуҳои он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд. Аммо, то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи маҷмӯӣ дар шакли таҳқиқоти монографию диссертатсионӣ дар самти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳқиқи маҷмӯӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва низомноки масъалаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, муқаррарсозӣ ва омӯзиши тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ҳамчун раванди мубориза ва пешгирии ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, омӯзиши институти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар марҳилаҳои амали дар низоми ҳуқуқи шуравӣ дар сарзамини Тоҷикистон, таҳқиқи рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва муайян кардани дурнамои рушди институти мазкур ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба мушкилоти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар ҶТ мебошад. Дар диссертатсия, дар асоси таҳлили амалияи тафтишии Тоҷикистон, мушкилоти ҷойдошта ва проблемаҳои муносибатҳои тафтиш ва пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Ҳангоми пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ васеъ истифода шудаанд. Асоси назариявии диссертатсияро сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ, ғояҳо ва андешаҳои намояндагони афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи криминалистикии санҷиши нишондод бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст, ки барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ истифода бурда шаванд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯйи адабиётҳо (маъхазҳо) ва номгӯйи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аст, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Мафҳум ва хусусиятҳои тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар тафтиши ҷинояти одамкушӣ» масъалаҳои инкишоф ва ташаккули институти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ, мақсад ва вазифаҳои

асосии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба парвандаҳои ҷинояти одамкушӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар боби дуюм "Хусусиятҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди ҷинояти одамкушӣ" проблемаҳои усулҳои гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ва усулҳои равоншиносии истеҳсоли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта шудааст.

Боби сеюми рисола "Тарзҳои тактикии дарҷ ва зикр кардани натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ" ба масъалаҳои хусусияти хоси дарҷ кардани ҷараён ва натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ, истифодаи аксбардорӣ, наворбардорӣ, филмбардорӣ ва сабти овоз дар ҷараёни санҷиши нишондод ва баҳодиҳии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва истифодаи онҳо дар исботкунӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятии одамкушӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ имконияти пешниҳоди як қатор хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро медиҳад.

Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои асосноки илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мавҷудияти мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мавзуи таҳқиқшаванда нишон аз пурмаҳсул будани унвонҷӯ ва натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия маҳорати хуби муҳаққиқии муаллифро нишон медиҳанд.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Назаров А.Қ.**

Имзои А.Қ. Назаровро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«19» январи с. 2024